


# ФАКУЛТЕТИ ИҚТИСОДӢ

**дорои шароиту имкониятҳои муосири таълим буда, бо таҷҳизоти пешрафтаи технологӣ таъмин мебошад. Дар он донишҷӯён бо истифода аз роҳу усулҳои муосири донишомӯзӣ ба омӯзиш ва корҳои илмӣ ҷалб карда мешаванд. Факултет аз рӯзҳои аввали мавҷудияташ то ҳозир асосан, дар шакли шартномавӣ мутахассис тайёр мекунад, ки ин ба мустаҳкам шудани иқтидори моддию техникии донишгоҳ мусоидат менамояд.**

Донишҷӯёни факултет дар ҳама самт фаъол буда, иштирокчии бевоситаи озмуну олимпиадаҳо мебошанд. Бояд афзуд, ки ҳадафи асосии масъулини факулта дар самти таълиму тарбияи насли ҷавон омода намудани мутахассисони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мебошад.

Дар факултет чор кафедра- кафедраи назарияи иқтисод; кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ; кафедраи молия ва кафедраи фаъолияти бонкӣ амал менамояд. Ин факултет мутахассисонро аз рӯи панҷ ихтисос: молия ва қарз; баҳисобгирии бухгалтерӣ-таҳлил ва аудит; кори бонкӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон; идоракнии молияи давлатӣ омода мекунад.

Факултет дорои 11 синфхона, 1 озмоишгоҳи компютерӣ, 7 кошонаи корӣ мебошад. Айни замон дар факултет зиёда аз 500

нафар донишҷӯён ва беш аз 10 нафар магистрҳо таҳсил менамоянд.

Ҳоло дар факултети иқтисодӣ 38 нафар омӯзгор фаъолият менамоянд, ки аз ин миқдор 14 нафар устодон соҳиби дараҷаи номзади илм, дотсент буда, дар таълиму тарбияи шогирдон саҳмгузор мебошанд.